Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат**

Барои татбиқи самараноки раванди инноватсионӣ хеле муҳим аст, ки тамоми зерсистемаҳои идоракунии сармояи инсонӣ дар ҳамоҳангсозии стратегӣ қарор дошта бошанд. Системаи идоракунии донишҳо танҳо дар сурате самаранок кор мекунад, ки масъулин барои муайян кардани самтҳо, сарҳадҳо ва шиддатнокии ҷараёни иттилоот дар бозорҳо, тамоюлҳои тағийрёбии молҳо ва хизматрасониҳо, захираҳо, таносуби нарх/сифат, арзиши бозорӣ ва сифат омода бошад, ки имкон медиҳад қарорҳои консептуалӣ оид ба мазмун ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ таҳия карда шаванд. Дар ҳолатҳое, ки ҷараёнҳои иттилоот аз рӯи хадамот ва самтҳои фаъолият ба ҷараёнҳои параллелӣ тақсим карда шуда, дар як вақт ба манфиати инноватсия аз ҷониби ҳар як хадамот (система, зерсистема) коркард мешаванд, мӯҳлати умумии таҳлили иттилоот хеле кам мешавад.

Илова бар ин, зарур аст, ки ҳар як хизматрасонӣ ва ҳар як иҷрокунанда барои кам кардани мӯҳлати ҷорӣ намудани навоварӣ ҳавасманд карда шавад, бинобар ин системаи таҳияи ҳавасмандгардонӣ ва қадршиносӣ зарур аст. Вазифаи асосии масъулин аз он иборат аст, ки тавонмандии зерсистемаҳои асосии рушди сармояи инсониро аз даст надиҳад.

Дар автореферати тақризшаванда пешниҳод карда шудааст, ки системаи идоракунии сармояи инсонӣ ҳамчун раванде баррасӣ карда шавад, ки бо марҳилаҳои: татбиқи системаи идоракунии сармояи инсонӣ, баланд шудани шавқу ҳаваси кормандон ва такмили механизми рушди сармояи инсонӣ хос бошад. Барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз ҷорӣ намудани навоварӣ дар соҳаи менеҷмент ва кам кардани вақти татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи маҳсулоти тиҷоратӣ, мувофиқати марҳилаҳои рушди зерсистемаи ҳавасмандкунӣ ва инноватсияҳо, зерсистемаи идоракунии дониш ва зерсистемаи идоракунии инноватсия зарур аст. Дар автореферат хусусиятҳои хоси зерсистемаҳои ташаккули

сармояи инсонӣ ба манфиати рушди инноватсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни давраи ҳаёт баррасӣ гардидааст.

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки бо назардошти мулоҳизаҳои илман асосноки муҳаққиқ ҷиҳати такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ автореферати кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевичро ба тариқи мусбӣ арзёбӣ намоем.

Дар қатори бартариятҳои зикршуда, дар автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд, ба монандӣ:

1. Дар автореферат зикр шудааст, ки раванди рӯ ба афзоиши "фирори мағзҳо" ботадриҷ пояҳои низоми таъминоти кадрии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллиро фалаҷ мекунад. Аммо ин андешаи муаллиф бо рақамҳои оморӣ асонок нашудааст.

2. Муаллиф такмили механизми рушди сармояи инсониро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ хеле хуб нишон додааст, аммо моҳияти онро ба таври муфассал шарҳ надодааст.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Одинаев Аслам Мадгиёевич сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., дотсент, мудири шуъбаи**
**таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои**
**иқтисоди хориҷии ИИД АМИТ** **Каримова М.Т.**

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. С.Айнӣ 44
Почтаи эл.: info@ied.tj Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Факс: +992 (37) 221-67-50